Тақриз
ба автореферати кори дисертатсионии Ҷумъабой Зарифӣ
«Биоморфология ва таркиби сенопопулятсияи *lnula macrophilla* Kar. Et Kir. дар шароити гуногуни экологии Тоҷикистони Ҷанубӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биология аз рӯи ихтисоси 03.02.01 – Ботаника

Чоқалаи калонбарг (*Inula macrophilla*) дар набототи Тоҷикистони Ҷанубӣ ҳамчун растании ҷамоасоз, шифобахш ва хӯроки чорво аҳаммияти калони илмӣ ва амалӣ дорад. Бинобар он, омӯхтани биология ва механизми мутобиқшавии он дар шароити гуногуни экологии минтақа хеле муҳим мебошад.

Ҷумъабой Зарифӣ онтогенез ва таркиби онтогенетикии сенопопулятсияи *Inula macrophilla*-ро дар шароити гуногуни экологии Тоҷикистони Ҷанубӣ омӯхта, ҳолати кунунии сенопопулятсияҳоро арзёбӣ мекунад. Ӯ давраи сабзиши рӯизаминии чоқаларо омӯхта маълум кард, ки вай хеле кутоҳ буда, ҳамагӣ дар 3 моҳи баҳору аввали тобистон мушоҳида карда мешавад. Инчунин, мутобиқати оптимуми экологии популятсияҳоро дар шароити гуногуни қаторкӯҳҳои Вахш, Ғозималик, Ҳисор ва Сарсаряк муайян намуд. Дар охир, унвонҷӯ ҳосилнокии 23 фитосенозро дар мавзеъҳои гуногун омӯхта , нишон медиҳад, ки ҳиссаи вазни хушки алафи чоқала, ҳамчун растании асосӣ (доминант) дар таркиби ҳосили умумӣ 25-60%-ро ташкил медиҳад.

Муаллиф хусусиятҳои биологӣ (тобоварӣ ба шароити табиӣ, хушкӣ ва ҳарорати ҳаво), онтогенез, паҳншавӣ ва ҳосилнокии чоқаларо бо усулҳои навини замонавӣ омӯхта, ҳамчун растании шифобахш хӯроки чорво ва пешгирикунандаи эрозияи хок дар минтақа муайян мекунад. Ӯ исбот намудааст, ки чоқала дар шароити континенталии Тоҷикистони Ҷанубӣ маҳсулнокии хуб дорад ва истифодаи он самаранок мебошад.

Дар автореферат ҳангоми навиштани номӣ лотинии растаниҳо камбудиҳо ба назар мерасад: Дар саҳ.21, ҷ. 2 *Artemisia campilorrhynchus* нодуруст оварда шудааст. Ин намуд дар флораи Тоҷикистони Ҷанубӣ ва ҷумҳурӣ нест.

Камбудии зикршудаислоҳшаванда буда, ба аҳаммияти илмию амалии кори диссертатсионии иҷрошуда таъсир намерасонад.

Умуман, диссертатсияи Ҷумъабой Зарифӣ дар мавзуи «Биоморфология ва таркиби сенопопулятсияи *Inula macrophylla* KAR. et KIR. дар шароити гуногуни экологии Тоҷикистони Ҷанубӣ» ба талаботи бандҳои 31, 33, 34, 35 тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, № 267) омода шудааст, комилан ҷавобгӯ буда, автореферат ба муҳтавои диссертатсия мувофиқат мекунад ва муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биология аз рӯйи ихтисоси 03.02.01 - Ботаника сазовор мебошад.

Мудири озмоишгоҳи экология ва захираи растаниҳои Институти ботаника, физиология ва генетикаи растании АМИТ,номзади илмҳои биология (03.02.01 - ботаника) Мадаминов А.А.

Нозири калони шуъбаи кадрҳои Институти ботаника, физиология ва генетикаи растании АМИТ Умарова Н.С.

Подпись
ЗАВЕРЯ
Ст. инспектор ОК
08 « 04 » 2025

ШУЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ